# ВИРОЙИШГАРИ ГРАФИКИИ PAINT

Барномаи **Paint** – яке аз виройишгарони графикии одитарини муҳити СО MS Windows ба шумор меравад. Гарчанде афзорҳои ин барнома имкониятҳои васеи сохтани расмҳои дараҷаи касбиро надошта




бошанд ҳам, вале омӯзиши он ҳамчун барномаи стандартии СО MS Windows ҳангоми истифодаи виройишгарони графикии пуриқтидори **CorelDraw**, **Fotoshop** ва ғайра беандоза калон аст.

Барномаи **Paint** бо ёрии силсилафармонҳои **Оғоз▶Ҳамаи барномаҳо▶Стандартӣ▶Paint**(Пуск▶Все программы▶Стандартные ▶Paint) омодаи кор гардонида мешавад. Пас аз иҷрои ин фармонҳо дар экран равзанаи барнома кушода мешавад, ки намуди умумии он дар расми болоӣ оварда шудааст.

Тавре аз расм дида мешавад, дар равзанаи **Paint** ба мисли дигар равзанаҳои барномаҳои муҳити Windows ба ғайр аз майдони корӣ ва тасмаҳои тобдиҳии уфуқию амудӣ боз сатри сарлавҳа, сатри меню ва тасмаи афзорҳо мавҷуд аст. Сатри менюи барнома аз ду банди номдор - **Асосӣ** (Главная) ва **Намо** (Вид) ва як банди беном иборат аст.

Банди беноми менюи **Paint** ҳамсони банди **Парвандаи** (Файл) MS Word буда, барои кушодан, сохтан, нигоҳ доштан, чоп кардан ва дигар амалиёти вобаста ба корбурди парвандаҳои графикӣ пешбинӣ шудааст. Вобаста ба он ки кадом банди номдори меню фаъол аст, тасмаи афзорҳо шакл ва мазмуни худро ба ҳамон банд мувофиқ мегардонад. Намуди дар расм овардашудаи равзана ҳангоми фаъол будани банди **Асосии** менюи **Paint** аксбардорӣ гардидааст.




Тасмаи афзорҳо дар ин маврид аз 7 блок – **Буфери мубодила** (Буфер обмена), **Тасвир** (Изображение), **Афзорҳо** (Инструменты), **Мӯқаламҳо** (Кисти), **Фигураҳо** (Шаклҳо - Фигуры), **Ғафсӣ** (Толщина) ва **Рангҳо** (Цвета) иборат аст. Дар ҳар як блок маҷмӯи афзорҳо ва маводҳои гурӯҳи муайян ҷамъ оварда шудааст.

Афзорҳои блоки **Буфери мубодила** айнан ба мисли блоки ҳамноми протсессори MS Word кор мекунанд. Афзорҳои блоки **Тасвир** барои ҷудо кардани соҳаи муайяни тасвир, тағйир додани андозаи он, тахти кунҷҳои гуногун тоб додани тасвир, буридани қисми он ва дигар амалҳо пешбинӣ шудаанд. Ҷузъҳои блокҳои **Афзорҳо** ва **Мӯқаламҳо** асосан барои иҷрои амалҳои расмкашӣ хизмат мерасонанд. Афзорҳои ин блокҳо – қалам, мӯқаламҳои андозаҳои гуногун, хатпоккун, микёсгир, матнгузор, рангпуркун ва ғайра мебошанд, ки вобаста аз хассосияти амалиётгузаронӣ андоза ва ғафсии онҳоро тавассути афзорҳои блоки **Ғафсӣ** тағйир додан мумкин аст. Ҷузъҳои маҷмааи рангӣ бошанд, дар блоки **Рангҳо** гирд оварда шуда, барои интихоб намудани ранги асосии тасвир (пахши тугмаи чапи муш) ва ранги заминаи расм (пахши тугмаи рости муш) хизмат мерасонанд. Агар дар тасвирсозӣ татбиқи шаклҳои тайёри геометрӣ лозим бошад, он гоҳ аз афзорҳои блоки **Шаклҳо** истифода бурдан зарур аст.




Ҳангоми фаъол будани банди **Намои** менюи **Paint** тасмаи афзорҳо шакли тарафи ростро қабул мекунад. Афзорҳои тасма дар ин маврид барои тағйир додани микёси равзана, гузоштан ва гирифтани хаткашҳо, тӯри хатӣ, сатри ҳолатнамо ва дигар амалҳои вобаста ба тағйир додани намуди зоҳирии равзанаи барнома хизмат мерасонанд.

Пеш аз ҳама бояд қайд намуд, ки барномаи Paint виройишгари графики растрӣ мебошад. Дар Windows ба ғайр аз виройишгарони графики растрӣ, боз виройишгарони графики векторӣ амал мекунанд. Усулҳои кор бо ин виройишгарон аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ доранд. Агар ҷузъи хурдтарини тасвири экранӣ дар виройишгарони графики растрӣ нуқта



(пиксел) ба ҳисоб равад, он гоҳ дар виройишгарони графики векторӣ чунин ҷузъҳоро хатҳо (рост, каҷ) ташкил медиҳанд, ки онҳо ба воситаи функсияҳои математикӣ ифода карда мешаванд.

Пеш аз оғози кор бо Paint мо бояд андозаи тахминии расми сохташавандаро муайян созем. Андозаи расм бо ёрии майдончаҳои **Бар** (Ширина) ва **Баландии** (Высота) равзанаи робитавии **Хосиятҳои тасвир** (Свойства изображения) муайян карда мешавад, ки он тавассути зербанди **Хосиятҳои** (Свойства) банди беноми менюи барнома кушода мешавад. Воҳиди ченаки андоза метавонад дюйм, сантиметр ё нуқта бошад. Ҳангоми кор дар экран мо бояд ба ҳайси ченак **нуқта** ва ҳангоми чопи расм дар коғаз - **сантиметрро** интихоб намоем. Амали расмкашӣ дар дохили андозаи интихобшудаи майдони корӣ анҷом дода мешавад.

Дар ҷадвали зерин шакл ва таъйиноти баъзе афзорҳои расмкашии Paint-ро пешкаш мекунем:

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **Ҷудокунаки соҳаи ихтиёрӣ.** Барои ҷудокунии соҳаи намудаш ихтиёрӣ хизмат мекунад. Бо соҳаи ҷудошуда амалиёти кӯчониш, нусхагирӣ ва ҳазфро иҷро кардан мумкин аст. | | **Эллипссоз**. Дар кашидани фигураҳои эллипсшакл истифода мешавад. Агар ҳангоми расмкашӣ тугмаи Shift низ пахш карда шавад, он гоҳ давра ҳосил мешавад. |
| | **Ҷудокунаки соҳаи росткунҷа.** Тарзи кораш бо афзори болоӣ монанд аст. | | **Росткунҷасоз**. Дар кашидани фигураҳои роскунҷавӣ истифода мешавад. Амали расмкашӣ + Shift = мурабабаъ. |
| | **Хатпоккунак**. Ранги расмро бо ранги заминаи он иваз менамояд. | | **Хаткаши рост.** Барои кашидани хатҳои рост хизмат мерасонад. |
| | **Рангрезак**. Ҳудуди сарбастаро бо ранги интихобшуда пур мекунад. | | **Хаткаши каҷ.** Барои кашидани хатҳои каҷи суфта хизмат мерасонад. |
| | **Ранггузин**. Аз маҷмӯи рангҳои истифодашуда, якеро ба ранги ҷорӣ табдил медиҳад. | | **Ҳуруфсоз**. Барои ба расм ҳамроҳ кардани матн хизмат мекунад. |
| | **Миқёсгир**. Миқёси ҷузъи расмро тағйир медиҳад. | | **Бисёркунҷасоз**. Дар кашидани бисёркунҷаи ихтиёрӣ истифода мешавад. |
| | **Қалам**. Барои кашидани хати (рост, каҷ) ихтиёрӣ хизмат мерасонад. | | **Рангпошак**. Дар оро додани расм, бо тарзи рангпошӣ, истифода мешавад. |
| | **Мӯқалам**. Тарзи кораш бо тарзи кори қалам | | **Ҳамворкунҷсоз**. Дар кашидани росткунҷаи |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | монанд аст. Андозааш тағйирёбанда аст. | | кунҷҳояш суфта истифода мешавад. |

## Саволҳо:

1. Вазифаи виройишгарони графикӣ аз чӣ иборат аст?
2. Кадом виройишгарони графикиро медонед?
3. Виройишгари графикии Paint-ро чӣ тавр ба кор омода месозанд?
4. Равзанаи Paint аз равзанаи дигар барномаҳо чӣ фарқ дорад?
5. Оё вазифаи тасмаи афзорҳо ва маҷмааи рангии Paint-ро медонед?

## Супориш:

1. Матни мавзӯъро бодиққат хонед ва доир ба виройишгари графикии Paint фикратонро нақл кунед.
2. Таъйиноти афзорҳои Paint-ро дар шакли ҷадвал биёред.
3. Аз имкониятҳои Paint истифода бурда, расми Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон, телевизор ва чойнику пиёларо кашед ва ба парвандаҳои онҳо мувофиқан номҳои Парчам, Телевизор ва Чойник гузоред.
4. Расмҳои дар тарафи рост овардашударо дар Paint созед.



